

**21.02.2018**

Занон хамчун кувваи бузурги тарбиятгарони насли созандаи ватан ва рохнамову маърифатбахши ахли чомеа хамеша дар партави таваччўхи Рохбарияти олии мамлакат карор доранд. Ин аст, ки чавобан ба гамхорихо ва ташаббусхои рохандозӣ гардида дар самти дастгирии занон, ин кишри фаъоли чомеа дар ичрои босифати вазифахои бар зимма дошта пурмасъуланду баробари мардон кадамхои устувор мегузоранд. Конфренсияи илмӣ-амалие, ки тахти мавзўи “Сахми занон дар рушд ва ташаккули КМ ЧТ” бо ибтикори рохбарияти ВМ ва Шўрои занони ин ниходи кудратии мамлакат дар Кохи афсарони ВМ доир гардид, зимни он намояндагони фаъоли ин кишри чомеа аз Мачлиси Намояндагони МОЧТ, Агентии хизмати давлатии назди ПЧТ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ХЧТ, Суди конститутсионнӣ, Маркази тадкикоти стратегии назди Президенти ЧТ, КС КДАМ, КХФ ва МГ НХЧТ ва дигар сохторхои давлативу низомии чумхурӣ ширкат доштанд.

Конфренсияи мазкур бо намоиши филми мустанад оид ба фаъолияти занон хизматчиёни харбии КМ ЧТ огоз гардид, ки он бозгўйкунандаи хизмати пурмасъули харбии занону бонувони низомӣ дар сохтори идорӣ ва чузъу томи Артиши миллӣ буд. Дар вокеъ, хизмати харбӣ масъулиятноку захматталаб аст, вале новобаста аз ин, имрўзхо занон афсарону прапоршиконии Артиш худ мухофизанду боз хам мухофизони ояндаро тарбия намудаву бар камол мерасонанд.

Он хама захмату талошхо, ташаббусхои созанда ва некбинонаву ватанпарастонаи занону модарон, накши онхо дар пешрафту шукуфоии ватан ва рушду такомули КМ дар огоз бо андешаронии амик маърўзаи масъулини ВМ мамлакатро фаро гирифт.

Сипас, маърўзачиён хар яке вобаста ба накши зан, модар дар тарбияи насли солим, хисси ватанпарастии чавонон, рушди конунгузории оилавӣ дар давраи Истиколияти миллӣ ва дигар мавзўъхои амсоли ин бо нутки пурмўхтаво баромад намуда, зикр

карданд, ки хушбахтона, имрӯз бо шарофати Истиклолияти давлатӣ занону бонувон бо истифода аз фазои озоди хукукӣ ва сохибихтиёрӣ дар чомеа фаъолияти густурдаи худро дар бахшу сохахои гуногун ба рох мондаанд, ки сарбаландона ифои вазифа менамоянд ва насли худро дар мухити озоду осудаи ватан бо хисси баланду ифтихор аз давлату миллат тарбия менамоянд.



Ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ ва хуввияти миллӣ дар чӣ собит мегардад? Мавзӯи баррасинамудаи шоираи хушкалом, узви Мачлиси миллии Мачлиси Олӣ, Мехринисо Бобобекова буд, ки бо фарогирии чузъиёти маънавӣ ва ахлокиву илмӣ пешниходи иштирокчиёни конфренсияи мазкур гардонида шуд. Мавсуф сахми барчастаи занону бонувон дар рушд ва ташаккули КМ-ро дар баробари хизмати мардона, инчунин аз тарбияи хомиёни оияндаи ин сарзамин маънидод кард.

Хамин тавр, зимни чараёни конфронс дигар иштирокчиён андешахои худро дар мавзӯи “Амалишавии Стратегияи миллии фаъолгардонии накши занон дар ЧТ барои солхои 2015-2020” баён намуданд.

Кисмати амалии конфренсия бошад бо ташкилу баргузории озмуни “Кадбонуи бехтарин” дар Донишкадаи харбии ВМ доир гардид, мехмононро масъулини ин муассисаи таълимии харбӣ тахти навои Оркестри харбӣ-нафасӣ пешвоз гирифтанд.

Озмуни мазкур ба эълон гардидани Соли 2018 Соли рушди сайёхӣ ва хунархои мардумӣ ва сазовор пешвоз гирифтани 25 - солагии КМ ЧТ бахшида шуда буд, ки максад аз рохандозӣ намудани онро ташкилкунандагон дар баробари тахкими махорати касбӣ, инчунин эхё намудани хунархои мардумӣ, таргибу ташвики арзишхои миллӣ, эхтиром ба хӯрокхои милливу аврупоӣ ва арчгузорӣ ба мехнати истехсолкунандагони молу махсулот арзёбӣ намуданд.

Дар ин озмун дах даста ширкат доштанд, ки онхо Дастгохи марказии вазорат, СГ КМ, навъхои кӯшуни Артиши миллӣ, муассисахои таълимии низомӣ, шифохонаи марказии харбӣ, Комбинати дӯзандагии молу амволи харбӣ ва комиссариатхои харбии шахри Душанбеву нохияхои тобеи чумхуририро намояндагӣ мекарданд.

Дастахои иштирокчӣ вобаста ба таъйиноти хизматӣ дар рафти озмун ва ичрои шартхои ба он пешбинишуда бо номхои рамзии мухофизони ватан, пайравони сино, зудамалу нӯшофарин, гурдофарид, хавонавард, чеварон, ояндасози КМ, бонувони Артиш ва хомиёни марзу бум хар яке навъи чузъу томи худро дар назди мехмонон ва хайати иштирокчиён муаррифӣ намуданд.

Шартхои пешбинишуда ба озмун бо фарогирии сарзамини зебоманзару сохибганч будани Точикистони азиз, хамчунин хунархои хоси мардуми минтакахои гуногуни кишвар, махорати пухту паз ва рафти хизмати занону бонувони низомиро аз худ тачассум менамуд. Тавре мехмонон кайд карданд, он мавзуву масъалахое, ки дар кисмати илмии конфренсия пахлухои гуногуни он харф зада будем, хамакнун бахе аз шартхои озмун вокеияти холи онро нишон дод, то бидонем занону бонувони низомии мо дар сафи Артиш чӣ масъулиятро бар зимма доранд.

Аз рӯйи тартиб хар як шарти озмуни “Кадбонуи бехтарин” тахти навои мусикӣ, охангхои ватандӯстона ва ракси миллӣ доир гардид, ки ин хам як бахши хунару фарханги мардум мебошад. Боиси хушнудист, ки имрӯз халки Точикистон тахти рохбарии Президенти мамлакат, мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба гиромидошту эхтироми тамаддуни ачдодӣ ва урфу одатхои миллӣ мепардозанд. Далели ин гуфтахо эълон гардидани соли 2018 “Соли рушди сайёхӣ ва хунархои мардумӣ” аз чониби Пешвои миллат мебошад.

Хамин тавр, кабл аз огози барномаи васеи консертӣ хайати хакамон нозукбинонаву эхтиёткорона дар бахогузорӣ ба хунару махорати иштирокчиёни озмун хамаи дастахоро хунарманду тавоно муаррифӣ намуда, онхоро аз номи рохбарияти ВМ кишвар бо тӯхфахои хотиравӣ ва маблагхои пулӣ кадрдонӣ намуданд.

Дар охир, озмуни мазкурро суруду охангхои ватандӯстонаи хунармандони ансамбли “Шараф”-и ВМ ва ФДТ ба номи Акашариф Чӯраев бо хушхоливу болидарӯхии иштирокчиён чамъбаст намуд.

**МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**